Замимаи 1
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» феврали соли 2022, №18

**Дар Вазорати адлия аз 01.02.2022,**
**№1126 ба қайд гирифта шуд**

# Дастурамал
# оид ба андозбаидии субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба андозбаидии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок (минбаъд-Дастурамал) низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнокро ба танзим медарорад.

2. Дар Дастурамал бо мақсади татбиқи имтиёзҳои андозӣ мафҳумҳо ва истилоҳоти зерин истифода мешаванд:

- бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок-доираи гардиши қоғазҳои қиматнок, ки дар он аҳдҳо бо қоғазҳои қиматнок бо расмиёт ва шартҳое танзим мешаванд, ки ташкилкунандаи савдо (биржаи фондӣ) барои иштирокчиёни ин аҳдҳо мутобиқи қонунгузорӣ муқаррар кардааст;

- бозори номуташаккили қоғазҳои қиматнок-доираи гардиши қоғазҳои қиматнок, ки дар он аҳд бо коғазҳои қиматнок бе риояи талаботи бозори муташаккил амалӣ карда мешавад;

- биржаи фондӣ - шахси ҳуқуқие, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии ҷамъияти саҳомӣ таъсис ёфта, ташкили савдои қоғазҳои қиматнокро ба роҳ монда, ҷиҳати мусоидат барои бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок бо роҳи истифодаи низоми савдои биржаи фондӣ хизмат мерасонад ва барои бақайдгирии субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Кумитаи андоз) ҳисоботи асоснокро пешниҳод менамояд;

- қоғазҳои қиматнок-ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки ҳуқуқи амволӣ дар онҳо ифода ёфтаанд ва ба воситаи пешниҳод намудан ва ё супоридан нисбат ба шахсе, ки онҳоро баровардааст, тасдик менамоянд;

- субъектҳои бозори муташакили қоғазҳои қиматнок - иштирокчиёни касбии бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок, эмитентхо ва сармоягузорон мебошанд.

## 2. ШАХСОНЕ, КИ НИСБАТ БА ОНҲО МУҚАРРАРОТИ ДАСТУРАМАЛ ТАТБИҚ МЕГАРДАД

3. Низоми андозбаидии субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок нисбат ба шахсони зерин, ки дар бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок иштирок намуда, ба қайди махсуси Кумитаи аидоз гирифта шудаанд, татбиқ карда мешавад:

1) ба иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок дохил мешаванд:

- фаъолияти брокерӣ ва дилерӣ;
- фаъолият оид ба муайян кардани уҳдадориҳои тарафҳо (клиринг) аз

рӯи амалиёт бо коғазҳои қиматнок;

- фаъолияти маҳфуздорӣ;
- фаъолияти ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок;

2) эмитентҳо;

3) сармоягузорон.

4. Дар сурати аз ҷониби эмитентҳо ва сармоягузорон ба анҷом расонидани амалиёт бо коғазҳои қиматнок дар бозори номуташаккили коғазҳои қиматнок, чунин амалиёт бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси андоз андозбандӣ мешавад.

## 3. ИМТИЁЗИ АНДОЗ

5. Нисбат ба амалиётҳои субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок имтиёзҳои андозӣ бо тартиби зерин амалӣ мегардад:

1) иштирокчиёни касбӣ, ки фаъолияти дар зербанди 1) банди 3 Дастурамал муқарраршударо анҷом медиҳанд, аз пардохти 50 фоизи андозҳои зерин озод карда мешаванд:

- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд-ААИ).

2) эмитентҳо – шахсони ҳуқуқии резидент ва ғайрирезиденте, ки коғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳои фондии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар муомилот мебошанд, вобаста ба даромади бадастоварда аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматнок дар санаи муомилоти онҳо аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андози низоми содакардашуда) озод карда мешаванд.

3) сармоягузорон – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки резидент ва ғайрирезидент мебошанд ва аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматнок (пардохти купонӣ, дисконтӣ ва ба инҳо монанд) дар санаи муомилоти онҳо дар биржаи коғазҳои қиматнок даромад мегиранд, вобаста ба чунин даромад аз пардохти андоз аз даромад аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматнок озод карда мешаванд.

6. Муқаррароти зербанди 3) банди 5 Дастурамал нисбати сармоягузороне, ки саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдоштаро харидорӣ намудаанд (пардохт намудаанд), татбиқ намегардад.

7. Имтиёзҳои пешбининамудаи Дастурамали мазкур вобаста ба муомилот баровардаи коғазҳои қиматноки давлатӣ, коғазҳои қиматноке, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон бароварда мешавад ё кафолат дода мешавад, сертификати бонкӣ, вексел ва чек (коносамент) татбиқ намегардад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ “Б”, ки фаъолияти брокериро дар биржаи фондӣ амалӣ менамояд, аз рӯи амалиёт бо коғазҳои қиматноки ҶСК “А” ба маблағи 20000 сомонӣ подошпулии комиссионӣ (ҳаққи хизматрасонӣ) мегирад. Бо дар назар доштани меъёри ААИ дар моддаи 264 Кодекси андоз муайяншуда арзиши хизматрасонӣ тибқи талаботи зербанди 1) банди 5 Дастурамал 21500 (20000*15%*50%+20000) сомониро ташкил медиҳад. Дар чунин сурат ҶДММ «Б» дар давраи моҳи ҳисоботӣ аз амалиёти хизматрасонии брокерии худ 1500 сомонӣ ААИ ва мувофиқи моддаи 242 Кодекси андоз пешпардохти

андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт менамояд. Дар соли ҳисоботӣ ҶДММ “Б” эъломияи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро бо дар назар доштани имтиёзҳои муқарраргардидаи зербанди 1) банди 5 Дастурамал таҳия ва ба мақомоти дахлдори андоз пешниҳод намуда, пардохти 50 фоизи андози мазкурро ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт менамояд.

Мисоли 2. ҶСК “К” (эмитент) дар биржаи фондӣ 1000 дона саҳмияи худро ба нархи 100 сомонӣ барои як дона ба фурӯш баровард. Дар санаи муомилот ҶСК “К” ҳар як саҳмияҳои худро ба маблағи 300 сомонӣ мефурӯшад, ки афзоиши арзиши саҳмияҳо барои як дона 200 (300-100) сомониро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ даромад аз афзоиши фурӯши саҳмияҳо ба 200000 (300000-100000) сомонӣ баробар шуд. Дар ин ҳолат ҶСК “К” вобаста ба афзоиши фурӯши саҳмияҳо аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ озод мебошад.

Мисоли 3. Сармоягузор-шахси воқеӣ саҳмияҳои харидорӣ намудаашро 16 апрели соли 2022 фурӯхта, аз афзоиши нархи саҳмияҳо бо назардошти хароҷотҳо дар биржаи фондӣ 50000 сомонӣ даромад гирифт. Дар чунин ҳолат даромади ӯ аз афзоиши коғазҳои қиматнок аз андоз аз даромад озод карда мешавад. Ҳангоми гирифтани даромад дар шакли суди саҳмия чунин даромад дар манбаи пардохт бо андоз аз даромад андозбандӣ карда мешавад.

Мисоли 4. Сармоягузор-ҶДММ “А” моҳи апрели соли 2020 тавассути биржаи фондӣ саҳмияҳои одии ҶСК “Г”-ро ба арзиши 100000 сомонӣ харидорӣ намуда, саҳоми ин ҷамъият гардид. Моҳи майи соли 2021 ҶДММ “А” аз саҳмияҳои худ дар ҶСК “Г” ба маблағи 25000 сомонӣ даромад дар шакли суди саҳмия мегирад. Моҳи июни соли 2021 ҶДММ “А” тавассути биржаи фондӣ саҳмияҳоро ба маблағи 150000 сомонӣ мефурӯшад, ки даромад аз афзоиши коғазҳои қиматнок 50000 сомониро ташкил дод. Дар чунин сурат даромади ҶДММ “А” дар шакли суди саҳмия бо андоз аз даромад дар манбаи пардохт аз ҷониби ҶСК “Г” андозбандӣ карда шуда, даромад аз афзоиш аз фурӯши коғазҳои қиматнок аз андоз аз даромад озод мебошад.

Мисоли 5. Шахси воқеӣ-сармоягузор 1 майи соли 2022 дар биржаи фондӣ вомбаргҳои ҶСК “Д”-ро ба маблағи 50000 сомонӣ харидорӣ менамояд, ки бар ивази харидорӣ намудани вомбарг, ҶСК “Д” уҳдадор мешавад, ки ба шахси воқеӣ 14 фоизи солона даромади фоизӣ (ё пардохти купонӣ) пардохт намояд. ҶСК “Д” ба шахси воқеӣ барои моҳи майи соли 2021 ба маблағи 583,3 сомонӣ даромад дар шакли фоиз ҳисоб намуда, ҳангоми пардохти он бо андоз аз фоизҳо андозбандӣ мекунад (583,3*12%). Шахси воқеӣ-сармоягузор 1 июни соли 2022 дар биржаи фондӣ ҳамин вомбаргҳоро ба маблағи 53000 сомонӣ ба дигар сармоягузор мефурӯшад, ки афзоиш аз фурӯши он бо андоз аз даромади шахсони воқеӣ андозбандӣ карда намешавад.

Мисоли 6. ҶСК “К”-эмитент дар биржаи фондӣ 1000 дона коғази қиматнок ба нархи 100 сомонӣ барои як дона ба фурӯш баровард. 5 июни соли 2021 ҶСК “К” ҳар як қоғази қиматноки худро ба маблағи 95 сомонӣ ба ҶСК “Р”-сармоягузор мефурӯшад, яъне 5 сомонӣ камтар аз нархи номиналӣ пардохти дисконтӣ мегирад. ҶСК “Р”- сармоягузор 20 июни соли 2021 ҳар як

донаи коғази қиматноки мазкурро бо нархи 100 сомонӣ мефурӯшад. Дар чунин сурат тибқи талаботи зербанди 3) банди 5 Дастурамал пардохти дисконтӣ, ки харидорӣ намудани саҳмияҳо аз нархи номиналӣ паст ва фурӯши онҳо баландтар аз ин нарх анҷом дода шудааст, бо андоз аз даромад аз шахсони ҳуқуқӣ андозбандӣ намегардад.

Мисоли 7. ҶСК "Т" иштирокчии бозори муташаккили коғазҳои қиматнок моҳи марти соли 2021 тавассути биржаи фондӣ саҳмияҳои худро ба нархи 100000 сомонӣ ба ҶДММ "Р" мефурӯшад. Моҳи июли соли 2021 ҶДММ "Р" саҳмияҳои ҶСК "Т"-ро ба худи ҶСК "Т" ба маблағи 200000 сомонӣ мефурӯшад. Дар чунин сурат озодкунии пардохти андоз аз даромад аз шахсони ҳуқуқӣ аз афзоиши коғазҳои қиматнок нисбат ба ҶДММ "Р" амалӣ намегардад, бинобар ин, ҶСК "Т" уҳдадор аст, ки дар манбаи пардохт андози мазкуро нигоҳ дошта, ба буҷети давлатӣ пардохт намояд.

## 4. ҚАЙДИ МАХСУСИ СУБЪЕКТҲОИ БОЗОРИ МУТАШАККИЛИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

8. Бо мақсади назорати имтиёзҳои андозии додашаванда ворид намудани шахсони дар банди 5 Дастурамал зикргардида ба қайди махсуси Кумитаи андоз ва асосҳои соҳиб шудан ба имтиёзҳои андозӣ аз ҷониби онҳо, биржаи фондӣ уҳдадор аст, ки ба Кумитаи андоз барои бақайдгирӣ саривақт маълумоти асоснокро дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ пешниҳод намояд.

9. Имтиёзҳои дар Дастурамал номбаршуда танҳо пас аз қайди махсуси Кумитаи андоз ва пешниҳоди шаҳодатнома оид ба қайди махсуси иштирокчии касбии бозори маташаккили коғазҳои қиматнок, шаҳодатнома оид ба қайди махсуси эмитент, ки коғазҳои қиматноки он дар бозори муташаккили коғазҳои қиматноки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар муомилот мебошанд ва шаҳодатнома оид ба қайди махсуси сармоягузор - шахси воқеӣ ва ҳуқуқие (резидент ва ғайрирезидент), ки коғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳои фондии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар муомилот мебошанд, дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ, истифода мегарданд.

10. Шаҳодатномаи субъекти бозори муташаккили коғазҳои қиматнок (минбаъд-шаҳодатнома) дар муҳлати 20 рӯз аз санаи ворид гардидани эъломия (хисобот)-и иштирокчии касбии бозори муташаккили коғазҳои қиматнок ба Кумитаи андоз ба тариқи коғазӣ ва ё электронӣ дода мешавад.

11. Шаҳодатнома дорои рақами тартибӣ, силсила, санаи дода шудан, рақами бакайдгирӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда, санаи бақайдгирии махсус ва суроғаи андозсупоранда мебошад.

12. Асос барои бақайдгирии махсуси субъектҳои бозори муташаккили коғазҳои қиматнок эъломия (ҳисобот)-и биржаи фондӣ ба ҳисоб меравад.

13. Кумитаи андоз бо дар назар доштани талаботи Кодекси андоз ҳангоми мавҷуд будани маълумоти эътимоднок оид ба канорагирӣ аз андоз ба воситаи амалиёти биржаи фондӣ гузоштани қайд махсус ва додани шаҳодатномаро ба эмитентҳо ва сармоягузорон рад менамояд.

## 5. АМАЛИСОЗИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

14. Субъектҳои бозори муташаккили коғазҳои киматнок шаҳодатнома оид ба гузоштан ба қайди махсус, ки аз тарафи Кумитаи андоз дода мешавад, бояд дошта бошанд.

15. Бо мақсади баҳисобгирии имтиёзҳои андозӣ субъектҳои бозори муташаккили коғазҳои қиматнок уҳдадоранд, аз рӯи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо)-и ба фаъолият дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок алоқаманд ва аз рӯи амалиётҳои андозбандишаванда вобаста ба дигар намуди фаъолиятҳо баҳисобгирии алоҳида баранд.

16. Барои татбиқи имтиёзҳои андозии дар Дастурамал пешбинигардида субъектҳои бозори муташаккили коғазҳои қиматнок уҳдадоранд, ки дар эъломияҳои дахлдори андозҳо, ки ба мақомоти андоз пешниҳод карда мешавад, маблағи даромад ва амалиёти ба чунин фаъолияташон алоқаманди аз андозбандӣ озодро қайд намоянд.

17. Аз ҷониби субъектҳои бозори муташаккили коғазҳои қиматнок, ҳисоботи андоз ва тартиби пардохти он ба мақомоти дахлдори андоз вобаста ба низоми андозбандӣ ва намудҳои андоз тибқи тартиб ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба роҳ монда мешавад.

## 6. ЭЪЛОМИЯ (ҲИСОБОТ)-И БИРЖАИ ФОНДӢ

18. Бо мақсади татбиқи имтиёзҳои андозӣ биржаи фондӣ бояд нисбат ба ҳар як имтиёзгиранда-субъектҳои бозори муташаккили коғазҳои қиматнок ва ҳар муомила (амалиёт)-и ба фаъолияти онҳо алоқаманд, ки дар биржаи фондӣ сурат мегирад, ҳар моҳ на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба Кумитаи андоз эъломияҳо (ҳисоботҳо) оид ба фаъолияти иштирокчиёни касбӣ дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок, оид ба фаъолияти эмитентҳо-шахсони ҳуқуқие, ки (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) коғазҳои қиматноки онҳо дар бозори муташаккили коғазҳои қиматноки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амаликунанда дар муомилот мебошанд ва оид ба фаъолияти сармоягузорон-шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие (резидент ва ғайрирезидент), ки аз муомилот бо коғазҳои қиматнок дар бозори муташаккили коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, пешниҳод намояд.

19. Ҳамаи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, ва созишномаҳо), ки ба фаъолияти субъектҳои бозори муташакили коғазҳои қиматнок алоқаманд мебошад, бояд аз ҷониби биржаи фондӣ тасдиқ, ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шавад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

20. Пешниҳоди саривақтии эъломия (ҳисобот)-и биржаи фондӣ оид ба муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо)-и басташуда ва дурустии он, ки ба Кумитаи андоз тибқи муқаррароти Дастурамал пешниҳод карда мешавад, ба зиммаи биржаи фондӣ гузошта мешавад.

21. Субъектҳои бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин агентҳои андоз барои вайрон кардани муқаррароти Дастурамал ва ғайриқонунӣ мавриди истифода додани

имтиёзҳои пешбининамудаи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

22. Назорати татбиқи муқаррароти Дастурамал аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

Замимаи 2
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01»феврал соли 2022, №18

Эъломия (ҳисобот)
оид ба фаъолияти иштирокчиёни касбӣ дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок
________________________________________ барои ______________ соли 20__
(номи шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (моҳ)

| р/т | Номгӯи шахсони ҳуқуқие, ки дорои иҷозатнома барои амалӣ кардани фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок мебошанд | Рақами мушаххаси андозсупоранда (иштирокчии касбӣ) (РМА) | Санаи бақайд гирӣ дар рӯйхати ягонаи иштирокчиёни касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок | Суроғаи иштирокчиёни касбӣ | Санаи гирифтани иҷозатнома | Намуди фаъолияти касбӣ | Мақомоте, ки иҷозатномаро додааст | Маълумот дар бораи амалиёт | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Шумораи умумии қарордодҳои басташуда ва амалиётҳои анҷомдода (адад) | Маблағи умумии даромад аз намудҳои фаъолияти касбӣ (сомонӣ) | Аз ҷумла маблағи умумии имтиёзнок аз андозбандӣ озод (сомонӣ) | |
| | | | | | | | | | | Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |

Роҳбари ____________________________________________ _________________
(шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (имзо)

Корманди масъули ___________________________ ______________
(шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (имзо) «_____» ________ соли 20 __

Ҷ.М.

Замимаи 3
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01»феврал соли 2022, №18

Эъломия (ҳисобот)
оид ба фаъолияти эмитентҳо-шахсони ҳуқуқие, ки (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ) коғазҳои қиматноки онҳо дар бозори муташаккили коғазҳои қиматноки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амаликунанда дар муомилот мебошанд

________________________________________ бароӣ ______________ соли 20__
(номи шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (моҳ)

<table>
<tr><td rowspan="3">р/т</td><td rowspan="3">Номгӯи эмитентҳо</td><td rowspan="3">Санаи бақайдгирӣ дар рӯйхати ягонаи бозори коғазҳои қиматнок</td><td rowspan="3">Рақами мушаххаси андозсупоранда – эмитентҳо (РМА)</td><td colspan="16">Маълумот дар бораи муомилот (амалиёт, қарордод, шартнома ва созишнома)</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Суроғаи ҳуқуқии андозсупо ранда (Эмитент)</td><td colspan="2" rowspan="2">Миқдори коғазҳои қиматноки эмитент баровавда аз рӯйи намудҳо (адад)</td><td colspan="2" rowspan="2">Намуди коғазҳои қиматноке, ки эмитент баровавда аст</td><td colspan="2" rowspan="2">Арзиши номиналии коғазҳои қиматнок аз рӯйи намудҳо (сомонӣ)</td><td colspan="2" rowspan="2">Миқдори коғазҳои қиматноке, ки дар биржаи фондӣ ҷойгир карда шудааст (аз рӯйи намудҳо) (адад)</td><td colspan="2" rowspan="2">Миқдори коғазҳои қиматноки фурӯхташуда аз рӯйи намудҳо (адад)</td><td colspan="2" rowspan="2">Арзиши коғазҳои фурӯхташуда аз рӯйи намудҳо (сомонӣ)</td><td colspan="3">Мӯҳлати амал</td></tr>
<tr><td colspan="2">Маблағи даромади умумии аз фурӯши коғазҳои қиматнок аз рӯйи намудҳо (сомонӣ)</td><td>Маблағи даромади умумии имтиёзнок аз чунин фаъолият (сомонӣ)</td></tr>
<tr><td>1</td><td>2</td><td>3</td><td>4</td><td>5</td><td>6</td><td>7</td><td>8</td><td>9</td><td>10</td><td>11</td><td>12</td><td>13</td><td>14</td><td>15</td><td>16</td><td>17</td><td>18</td><td>19</td><td>20</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

Роҳбари ________________________________ _______________
(шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (имзо)

Корманди масъули _____________________________ ______________
(шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (имзо) «_____» ________ соли 20 __

Ҷ.М.

Замимаи 4
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01»феврал соли 2022, №18

## Эъломия (ҳисобот)
## оид ба фаъолияти сармоягузорон- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие (резидент ва ғайрирезидент), ки аз муомилот бо коғазҳои қиматнок дар бозори муташаккили коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд

______________________________________________
(номи шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда)
барои ______________ соли 20__
(моҳ)

| № р/т | Номгӯи сармоягузорон | Санаи бақайдгирӣ дар рӯйхати ягонаи бозори коғазҳои қиматнок | Рақами мушаххаси андозсупоранда (сармоягузор) РМА | Маълумот дар бораи муомилот (амалиёт) | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Суроғаи шахси ҳуқуқӣ | Суроғаи шахси воқеӣ, рақами шиноснома, сана ва мақомоте, ки онро додааст | Миқдори хариди коғазҳои қиматнок аз рӯйи намудҳо (адад) | | Арзиши коғазҳои қиматноки харидашуда аз рӯйи намудҳо (сомонӣ) | | Аз кӣ харида шудааст, (ном, РМА ва суроғаи фурӯшандаи коғазҳои қиматнок) | Миқдори коғазҳои қиматноки фурӯхташуда аз рӯйи намудҳо (адад) | | Арзиши коғазҳои фурӯхташуда аз рӯйи намудҳо (сомонӣ) | | Ба кӣ фурухта шудааст (ном, РМА ва суроғаи шахсе, ки ба ӯ фурӯхта шудааст) | Маблағи даромади умумӣ аз чунин фаъолият (сомонӣ) | Маблағи даромади имтиёзнок (сомонӣ) |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Роҳбари ________________________________________________ ___________
(шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (имзо)

Корманди масъули ____________________________ ______________
(шахси ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда) (имзо) «_____»________ соли 20 __
Ҷ.М.

Замимаи 5
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01»феврал соли 2022, №18

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШАҲОДАТНОМА

№_______ Силсилаи__________ ___________________
(санаи додашуда)

Оид ба қайди махсуси иштирокчии касбии бозори муташаккили коғазҳои қиматнок

Раками бақайдгирӣ №__________

Тасдиқ карда мешавад, ки_________________________________________
__________________________________________________________________
(номи иштирокчии бозори муташаккили коғазҳои қиматнок)

Рақами мушаххаси андозсупоранда________________________________

Мақомоти бақайдгирандаи иштирокчӣ_____________________________
_____________________________________________________________________

Суроғаи ҳуқуқии иштирокчии касбии бозори муташаккили коғазҳои қиматнок____________________________________________________________
(шахси ҳуқуқӣ)

Мутобиқ ба қисми 7 моддаи 366 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дорандаи шаҳодатномаи мазкур, ҳамчун субъекти бозори муташаккили коғазҳои қиматнок дар асоси бақайдгирии махсус дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» _______соли 20__ ҳуқуқ барои истифодаи имтиёзҳои андозӣ дода мешавад.

ҶМ. _________ __________ ________________
(вазифа) (имзо) (ному насаб)

Замимаи 6
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01»феврал соли 2022, №18

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШАҲОДАТНОМА

№_______ Силсилаи__________ ___________________
(санаи додашуда)

Оид ба қайди махсуси эмитент, ки коғазҳои қиматноки он дар бозори муташаккили коғазҳои қиматноки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар муомилот мебошанд

Ракамии бақайдгирӣ №__________

Тасдиқ карда мешавад, ки_______________________________________
(номи эмитент)

Рақами мушаххаси андозсупоранда_________________________________

Мақомоти бақайдгирандаи ________________________________________
_____________________________________________________________________

Суроғаи ҳуқуқии эмитент дар ҳолати фаъолият тавассути агент, суроғаи агент ва РМА _______________________________________________________________
(шахси ҳуқуқӣ)
_____________________________________________________________________

Мутобиқ ба қисми 7 моддаи 366 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дорандаи шаҳодатномаи мазкур ҳамчун субъекти бозори муташаккили коғазҳои қиматнок дар асоси бақайдгирии махсус дар Кумитаи андози назди Ҳумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» _______соли 20__ ҳуқуқ барои истифодаи имтиёзҳои андозӣ дода мешавад.

ҶМ. _________ _________ ______________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

Замимаи 7
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01»феврал соли 2022, №18

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШАҲОДАТНОМА

№_______ Силсилаи__________ ___________________
(санаи додашуда)

Оид ба қайди махсуси сармоягузор - шахси воқеӣ ва ҳуқуқие (резидент ва ғайрирезидент), ки коғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳои фондии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар муомилот мебошанд

Ракамии бақайдгирӣ №__________

Тасдиқ карда мешавад, ки________________________________________
_______________________________________________________________
(номи сармоягузор, дар ҳолати шахси воқеӣ-шаҳрванди мансубият ба кишвар)

Рақами мушаххаси андозсупоранда________________________________

Мақомоти бақайдгирандаи _______________________________________
_____________________________________________________________________

Суроғаи ҳуқуқии сармоягузор ___________________________________
(шахси ҳуқуқӣ)

Суроғаи маҳалли зист___________________________________________
(шахси воқеӣ)

Мутобиқ ба қисми 7 моддаи 366 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дорандаи шаҳодатномаи мазкур ҳамчун субъекти бозори муташаккили коғазҳои қиматнок дар асоси бақайдгирии махсус дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз «___» __________соли 20__ ҳуқуқ барои истифодаи имтиёзҳои андозӣ дода мешавад.

ҶМ. _________ _________ _______________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)